**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 148/2с

аз «14» 11 соли 2022

Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи манъ намудани воридот ва истифодаи борҷомаҳои полиэтилении ғафсиашон то 15 микрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ғайр аз борҷомаҳои бедаста, ки қисми ҷудонашавандаи мол мебошанд)" ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳиякунанда) риоя гардидааст.

2. Дар лоиҳа ухдадориҳо барои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ вобаста ба истифодабарии борҷомаҳои қоғазӣ, латтагин ва полиэтиленҳои биологии тезпӯсанда, вуҷуд доранд.

3. Маҳдудиятҳо барои субъектҳои оид ба манъ намудани воридот ва истифодаи борҷомаҳои полиэтилении ғафсиашон то 15 микрон (ғайр аз борҷомаҳои бедаста, ки қисми ҷудонашавандаи мол мебошанд) пешбинӣ гардидаанд.

4. Дар лоиҳа барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон масрафҳои беасос мушоҳида намегардад. Ҳамзамон, бо мақсади ҳавасмандгардонии корхонаҳои истеҳсолӣ, ки бо истеҳсоли борҷомаҳои аз ҷиҳати экологӣ безарар аз қоғаз, картон, латта, сафол ва полиэтиленҳои биологии тезпӯсанда машғуланд ва марказу дуконҳои савдо, ки аз фурӯши борҷомаҳои полиэтиленӣ даст мекашанд аз пардохти экологӣ ба миқдори 15% озод карда мешаванд.

5. Роҳи интихобшуда барои ҳалли мушкилот асоснок буда, лоиҳаи мазкур барои манъ намудани воридот ва истифодаи борҷомаҳои полиэтилении ғафсиашон то 15 микрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ғайр аз борҷомаҳои бедаста, ки қисми ҷудонашавандаи мол мебошанд) мусоидат менамояд.

6. Иловатан пешниҳод мегардад:

- хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дар матни тоҷикӣ ва русии лоиҳа бартараф карда шаванд;
- дар банди 2 матни русии лоиҳа калимаи “из” хориҷ карда шавад.

Директор Саидзода И.Ҳ.